# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Сулаймонзода Рустами Неъматуло дар мавзуи «Усулҳои тактикӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо: проблемаҳои назария ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ**

Таҳқиқоти илмии Сулаймонзода Рустами Неъматуло ба яке аз масъалаҳои муҳими илми криминалистика – омӯзиши асосҳои назариявӣ ва амалии истифодаи усулҳои тактикӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо бахшида шудааст. Мавзуи интихобшуда ба талаботи рушди илми муосири криминалистика ва амалияи фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пурра ҷавобгӯ буда, дар шароити афзоиши мураккабии шаклҳои ҷиноятқорӣ ва такмили усулҳои муқовимат ба тафтиши ҷиноятҳо аҳаммияти хос пайдо намудааст. Автореферат мутобиқи талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, сохтор, мазмун ва тартиби пешниҳоди натиҷаҳои илмии он ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯ мебошад.

Дар автореферат асоснок нишон дода шудааст, ки истифодаи усулҳои тактикӣ яке аз омилҳои асосии таъмини самаранокии фаъолияти муфаттиш ба ҳисоб рафта, интихоби дурусти онҳо ба шароити мушаххаси тафтишӣ, риояи талаботи қонунгузорӣ ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ вобастагӣ дорад. Муаллиф дар асоси таҳлили адабиётҳои назариявӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ зарурати муайян намудани мафҳум, моҳият, тасниф ва ченакҳои қобили қабул будани усулҳои тактикиро асоснок намуда, нишон медиҳад, ки мавҷуд набудани муносибати ягонаи илмӣ ба ин масъалаҳо метавонад ба самаранокии фаъолияти тафтишотӣ таъсири манфӣ расонад.

Аз мухтавои автореферат бармеояд, ки муаллиф ҳангоми анҷом додани таҳқиқот аз заминаи васеи назариявӣ ва эмпирикӣ истифода намуда, осори

олимони ватанию хориҷӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таҷрибаи мақомоти тафтиши пешакӣ, прокуратура ва маълумоти омории мақомоти ҳифзи ҳуқуқро таҳлил кардааст. Ин ҳолат аз муносибати илмӣ ва мукаммали муаллиф ба масъалаи таҳқиқшаванда шаҳодат медиҳад ва эътимоднокии натиҷаҳои бадастомадаро таъмин менамояд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки муаллиф бори аввал дар доираи илми криминалистикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоти мустақилро оид ба истифодаи усулҳои тактикӣ анҷом дода, мафҳуми муосири усули тактикӣ, таснифи нави онҳо, ченакҳои қобили қабул будани истифода ва моҳияти қарорҳои тактикиро аз ҷиҳати илмӣ асоснок намудааст. Пешниҳодҳои илмии муаллиф барои рушди минбаъдаи назарияи тактикаи криминалистӣ ва такмили фаъолияти амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аҳаммияти назаррас доранд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошанд. Онҳо метавонанд дар такмили фаъолияти мақомоти тафтишоти пешакӣ, таҳияи дастурҳои методӣ, омӯзиши фанҳои криминалистика ва ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, инчунин ҳангоми такмили қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ истифода шаванд.

**Эрод ва ҳолати баҳсталаб доир ба автореферат.** Дар баробари дастовардҳои назаррас, баъзе масъалаҳо дар автореферат хусусияти баҳсталаб доранд.

Дар автореферат масъалаҳои вобаста ба таснифи усулҳои тактикӣ ва асосҳои назариявии онҳо муфассал баррасӣ шудаанд, аммо масъалаи таъсири омодагии касбӣ, таҷрибаи амалии муфаттиш ва сатҳи тахассусии ӯ ба интихоби усулҳои тактикӣ ва самаранокии татбиқи онҳо ба таври мустақил таҳлил нашудааст. Баррасии амиқтари ин омил метавонист аҳаммияти амалии таҳқиқотро боз ҳам бештар намояд.

Эроди зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, ба арзиши илмии таҳқиқот, навгонии илмӣ, саҳеҳияти натиҷаҳо ва аҳаммияти назариявию амалии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Сулаймонзода Рустами Неъматуло дар мавзуи «Усулҳои тактикӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо: проблемаҳои назария ва амалия» натиҷаҳои таҳқиқоти мустақили илмиро инъикос намуда, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи диссертатсия сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12 Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
таҳқиқотчии калони шуъбаи
таҳқиқи РВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон
дар шаҳри Душанбе,
майори милитсия Абдусалимзода Д.А.

Имзои Абдусалимзода Д.А. – ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва кор бо ҳайати шахсии
РВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон
дар шаҳри Душанбе,
полковники милитсия Хонзода М.П.
«31» 08 соли 2026

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, Хиёбони Саъдии Шерозӣ, 1
Телефон: (+992 37) 221-15-42, (+992 37) 221-00-57
E-mail: kotibot.rbkd@vkd.tj , rbkd.dushanbe.qn@vkd.tj